**ПРОТОКОЛИ № 42.2**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 10 октябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, № 289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Орипова Назокатхон Мӯминовна дар мавзуи «Такмили механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М. ва аъзои комиссия, д.и.и., профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ Абдуқодирӣ Х.А., оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Орипова Назокатхон Муминовна дар мавзуи «Такмили механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар вилояти Суғд» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Орипова Назокатхон Муминовна дар мавзуи «Такмили механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар вилояти Суғд», ки барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Орипова Назокатхон Мӯминовна дар мавзуи «Такмили механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Мирсаидов Аврор Бобоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 20 декабри соли 2025, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**